# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ Каримов Ш.Б. (раис), номзади илмҳои филологӣ, дотсент Джамирова Л.И. (аъзо) ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Насруллоев М.Н. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертатсияи **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»** ба баррасии муқоисавии вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Дар замони муосир, ҳалли масъалаҳои муоширати байнифарҳангӣ ва, бахусус, масъалаҳои марбут ба мубодилаю бархурди фарҳангҳо бо якдигар, ки дар тағйири тасвири забонии қавму миллатҳо ва халқиятҳои гуногун нақши муайянро бозӣ мекунанд, яке аз мавзуи муҳимми забоншиносии муосир, хусусан, забоншиносии фарҳангӣ, қавмӣ, шинохтӣ ва равонӣ маҳсуб меёбад. Ғанӣ гардидани донишҳои забонӣ ва фарҳангӣ ба тарҷумонҳо имкон медиҳад, ки воҳидҳои забониро аз диди соҳибзабонон бо усулҳои нави когнитивӣ ва коммуникативӣ тарҷума намоянд. Чунин мавқеъгирӣ ба вазифаҳо ва ҳадафҳои забоншиносии коммуникативӣ ва тарҷумашиносӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи соматизмҳо дар риштаҳои мазкури забоншиносии тоҷик дар матнҳои бадей дар мисоли маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он ва ифодаёбии соматизмҳо тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо мубрамии кори диссератсионии мазкурро ташкил медиҳад.

Нававарии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст пажуҳиши муқоисавии вижагиҳои соматизмҳо дар тасвири забонии тоҷикон ва англисзабонҳо бар мабнои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он анҷом дода шуд.

Дар диссертатсия бори нахуст аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ тарҷумаи англисии соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ таҳлил ва мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, ба таври системавӣ ва оморӣ соматизмҳое, ки дар «Гулистон»-и С. Шерозӣ истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои тарҷумавӣ, фарҳангӣ ва равонии онҳо

ошкор карда шуданд. Инчунин, мавкеи соматизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ таҳқиқ шуда, равишу усулҳои тарҷумаи онҳо арзёбӣ гардиданд. Дар баробари ин, тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо дар асоси соматимзҳо муқоиса гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо ошкор карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур метавонад барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии шинохтӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва муқоисавӣ, инчунин тарҷумашиносӣ мусоидат кунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии самтҳои мазкур метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии онҳо хидмат намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати шинохти тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва дар муқоиса бо англисзабонон заминаи хубе хоҳад шуд. Вижагиҳои умумӣ ва хоси тарҷумаи соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ имкон медиҳанд, ки ин мавзуъ минбаъд ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)» дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Диссератасия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби якуми диссертатсия «**Масъалаҳои назариявии тарҷумаи асарҳои бадей ва таҳқиқи соматизмҳо дар матнҳои он**» номгузорӣ шудааст, ки он аз 7 фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои назариявӣ роҷеъ ба мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои берунии инсон дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ»**, ки аз 6 фасл ва дар маҷмуъ аз 16 зерфасл иборат мебошад, асосан тарҷумаҳои Франсис Гладвин ва Эдуард Бекхаус Иствик мавриди муқоиса бо матни асли «Гулистон» қарор гирифта, вижагиҳои тарҷумаи англисии

соматизмҳои узвҳои берунии инсон – қисматҳои сару гардану рӯй ва дасту по таҳлил мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия «**Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои дохилии инсон ва зоосоматизмҳо дар «Гулистон»- и Саъдии Шерозӣ»** ном дорад, ки аз се фасл ва зерфаслҳо мураттаб шудааст ва вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои дохилии инсор дар асоси асари безаволи **«Гулистон»- и Саъдии Шерозӣ»** ҳаллу фасл гаштааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати беандозаи муҳаккиқ маҳсуб ёфта, мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 7 мақолаи дигар дар ҳамоишу конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидааст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Диссертатсияи Миозоалиева Шукрона аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба таҳқиқоти илмии забоншиносии муосир такя карда, дар он аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ - методи таҳлил, методи муқоисавӣ, методи таҳлили микдорӣ ва семантикӣ, таснифоти луғавӣ истифода карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки муаллифи диссертатсия дар охири ҳар як боб хулосаҳои худро баён намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд.

Дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ баён ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ дар хулосаи диссертатсия зикр шудааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва

муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси **6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

3. **Раҳмонова Наргис Шарифовна** - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4. **Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич**– номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

5. Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.**

6. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

7. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссераттсионӣ Каримов Шуҳрат Бозорович

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Джамирова Леммара Иосифовна
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич

« 29» декабри соли 2023
Имзоҳои Ш.Б.Каримов, Л.И.Джамирова
ва М.Н.Насруллоевро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj